# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 04 декабри соли 2017 № 6295 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2017, № 17/4

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2017, № 17/4 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2017, № 17/4 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).
2. Раёсати илм ва инноватсия (А. Холов) иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илм Р. Мирбобоев гузошта шавад.

Асос: қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2017, № 17/4

Вазир Нуриддин Саид

Муовини якуми вазир
Раёсати илм ва инноватсия
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

**ҚАРОРИ**
**МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

“23” ноябри соли 2017 № 17/4 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи “Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф”-ро баррасӣ намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. “Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф”- ро барои иҷро ба роҳбарӣ гиранд.
3. Раёсати илм ва инноватсия (А. Холов) риояи Низомномаи мазкурро дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф зери назорат қарор диҳад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Р.Мирбобоев гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «23» ноябри соли 2017, № 17/4
тасдиқ шудааст

**Низомномаи намунавии**
**Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф (минбаъд-Комиссия) ҷиҳати таъмини иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ ва стратегияю барномаи рушди забони давлатӣ таъсис дода мешавад. Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф таъсис дода мешавад.

2. Комиссия дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, № 458 тасдиқ шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

## 2. Вазифаҳои асосии Комиссия

3. Комиссия вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- дар амал татбиқ намудани муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва стратегияю барномаи рушди забони давлатӣ;
- пеш бурдани сиёсати ягонаи давлат дар соҳаи забон ва истилоҳот, ҷустуҷӯи роҳҳои муосири татбиқи сиёсати забонӣ ва эҷоди шароити мусоид барои эҳё ва тавсияи забони давлатӣ;
- ҳамоҳанг сохтани фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва зерсохторҳои муассисаи таълимӣ (муассисаҳои соҳаи маориф) дар самти риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- таҳти назорат қарор додани иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», истифодаи истилоҳоти ягона, баррасӣ намудани ҳодисаҳои вайрон кардани муқаррароти қонунгузорӣ дар ин самт ва андешидани тадбирҳо дар

доираи салоҳияти худ, дар ин бора гузориш ирсол кардан ба сохторҳои салоҳиятдор;

- омода сохтани санад ва маводи методӣ, ахборӣ ва таҳлилӣ доир ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Комиссия дохил мешаванд ва андешидани тадбирҳо барои дар амал татбиқ намудани онҳо;

- таҳияи нақшаи кории солона (нимсола)-и Комиссия бо фарогирии самтҳои афзалиятноки муқаррароти татбиқи Қонуни забони давлатӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳо барои ҷаласаҳои Комиссия ва иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар Низомномаи мазкур дарҷ гардидаанд.

## 3. Ҳуқуқҳои Комиссия

4. Комиссия дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ дорад:

- доир ба иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ, стратегияву барномаҳои давлатӣ ва барномаҳои дигари тавсиаи забон ва истилоҳот, аз муассисаву ташкилотҳо, воҳидҳои сохторӣ ва зерсохторҳои муассисаи таълимӣ (муассисаҳои соҳаи маориф) ва роҳбарони онҳо ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои дигарро талаб кунад;

- доир ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Комиссия дохил мешаванд, шарҳи расмӣ диҳад;

- доир ба масъалаҳои сиёсати давлат дар соҳаи забон, истилоҳот ва номгузорӣ, таҳияи барномаҳои комплексии тавсияи соҳаи истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигар корҳои илми таҳқиқотиро анҷом диҳад ва дастуру китобҳои илмию таҳқиқотӣ, луғатҳои дузабона ва соҳавиро интишор намояд;

- дар ҷаласаҳои худ гузориши кормандони масъулро дар бораи иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад;

- корманди муассисаро аз рӯйи сифат ва натиҷаи фаъолияташ ба садорати муассиса ба мукофот (барои комёбиҳо) ва муҷозот (барои нуқсонҳо) пешниҳод намояд.

## 4. Сохтор ва фаъолияти Комиссия

5. Комиссия бо фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф) дар ҳайати раис, муовини раис, котиб ва аъзои Комиссия иборат аз 5-7 нафар аз ҳисоби омӯзгорон, кормандони маъмурӣ ва аъзои кумитаи иттифоқи касаба таъсис дода мешавад.

6. Фаъолияти кории Комиссияро раис роҳбарӣ мекунад, ки аз рӯи вазифа роҳбари муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф) мебошад. Раиси Комиссия иҷрои вазифаҳои ба дӯши Комиссия гузошташударо ташкил ва назорат мекунад, вазифаи муовини раис ва котиби Комиссияро муайян мекунад, нақша ва барномаи кори Комиссияро тасдиқ менамояд ва гурӯҳҳои кории марбут ба санҷиши дараҷаи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таъсис медиҳад.

7. Муовини раиси Комиссия супоришҳои махсуси раиси Комиссияро марбут ба иҷрои вазифаҳои Комиссия иҷро менамояд. Дар ҳолати набудани раиси Комиссия ва ё бо супориши ӯ ба ҷаласаи Комиссия раисӣ мекунад. Доир ба самтҳои фаъолияти Комиссия таклифҳо пешниҳод менамояд.

8. Котиби Комиссия масъалаҳои ташкили иҷрои вазифаҳои Комиссия, коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигориро дар ин самт амалӣ менамояд, нақшаи корӣ, маълумот, гузоришу ҳисоботӣ марбут ба фаъолияти Комиссияро омода менамояд, протоколҳои ҷаласаҳои Комиссияро таҳия мекунад.

9. Аъзои Комиссия дар ҷаласа бе ҳуқуқи ивазшавӣ иштирок мекунанд.

10. Ваколатҳои узви Комиссия дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

- дар асоси аризаи хаттии узви Комиссия;
- қатъ гардидани шартнома (қарордод)-и меҳнатии узви Комиссия;
- хилофи талаботи Низомномаи Комиссия амал кардан.

11. Агар талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ аз тарафи узви Комиссия вайрон карда шуда бошад, дар ин сурат ӯ ҳамчун узви Комиссия дар баррасии масъала ҳуқуқи иштирок карданро надорад.

12. Агар узви Комиссия бо корманде, ки муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатиро вайрон намудааст, алоқаи хешовандӣ дошта ва ё аз натиҷаи баррасии масъала манфиатдор бошад, дар баррасии масъала ҳамчун узви Комиссия ҳуқуқи иштирок карданро надорад.

13. Ҷаласаҳои Комиссия дар 3 моҳ як маротиба ва ё бе маҳдудияти муҳлат аз рӯи зарурат гузаронида мешаванд.

14. Фаъолияти Комиссия тибқи нақшаи кори Комиссия ба роҳ монда мешавад, ки он аз тарафи раиси Комиссия тасдиқ карда мешавад.

15. Фаъолияти Комиссия дар шакли ҷаласа сурат мегирад. Ҷаласаи Комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи ҳайати он иштирок дошта бошанд. Комиссия дар доираи ваколатҳояш қарор қабул менамояд. Қарори Комиссия бо овоздиҳии аксарияти иштироккунандагони ҷаласа қабул карда мешавад. Ҳангоми баробар будани овозҳо овози раиси Комиссия ҳалкунанда мебошад. Рафти ҷаласаи Комиссия ва қарори он бо протокол ба расмият дароварда мешавад. Дар рафти ҷаласа мумкин аст сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ истифода гарданд, ки онҳо низ ба протокол замима карда мешаванд.

16. Ба протокол раис ва котиби Комиссия имзо мегузоранд.

17. Протоколи ҷаласаи Комиссия бо зикри сана, рақам, вақт ва ҷойи гузаронидани ҷаласаи Комиссия, насаб, ном ва номи падари узви Комиссия, масъалаи баррасишаванда, моҳияти масъала ва тавсияҳои узви Комиссия тартиб дода мешавад.

18. Ҳангоми зарурат, ё дар ҳолати дағалона вайрон шудани қонунгузории забони давлатӣ Комиссия фавран ҷаласа даъват намуда, аз ҳисоби аъзои Комиссия оид ба масъалаи баррасишаванда маърӯзачиро

муайян менамояд ва аз шахсони дахлдор оид ба ҳолати вайрон гардидани қонунгузории забони давлатӣ баёнот мегирад. Ҳангоми рад кардани додани баёноти шифоҳӣ ё хаттӣ аз тарафи корманди муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф), ки муқаррароти қонунгузории забони давлатиро вайрон намудааст, аъзои Комиссия дар ин бора санад тартиб медиҳанд.

19. Протоколи Комиссия асос барои дидани чораи интизомӣ нисбати корманди муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф), ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатиро риоя накардааст, ҳамчунин барои ҳавасмандгардонии корманди муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф), ки қонунгузории зикршударо пурра дар фаъолияти худ риоя намудааст, шуда метавонад.

20. Роҳбари муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф) дар мавриди ошкор намудани ҳолатҳои нопуррагӣ ҳангоми санҷиш метавонад маводро ҷиҳати санҷиши иловагӣ ё такрорӣ ба Комиссия баргардонад.

21. Нисбати протоколи Комиссия ва фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф) дар муҳлати як моҳи эътибори қонунӣ пайдо намудани он ба Комиссияи мазкур, роҳбари муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф), мақомоти болоӣ ва суд шикоят кардан мумкин аст, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро муқаррар накарда бошад.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

22. Комиссия аз натиҷаи фаъолияти худ дар шаш моҳ як маротиба ба мақоми олии муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф) оид ба фаъолият ва натиҷаи корҳои басомонрасонидаи худ маълумот пешниҳод мекунад.

23. Фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф) оид ба таъсиси Комиссия (Замимаи 1), ҳайати Комиссия (Замимаи 2), протоколи ҷаласаи Комиссия (Замимаи 3), нақшаи кори Комиссия (Замимаи 4) ва ҳисобот (Замимаи 5) бояд тибқи намунаи пешбинишуда, тартиб дода шаванд.

24. Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур ва ҳайати Комиссия, инчунин қатъ гардидани фаъолияти Комиссия бо фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ (муассисаи соҳаи маориф) сурат мегирад.

**Замимаи 1**

**Ф А Р М О И Ш И**
**РЕКТОР (ДИРЕКТОР)-И МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ**

---

аз «____» _______ соли 20___ № ______ ш. Душанбе

Дар бораи таъсиси Комиссияи татбиқи
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ________________________
(номи муассисаи таълимӣ)

Бо мақсади таъсиси Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ________________ (номи муасисаи таълимӣ) мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди ___-и Низомнома (Оиннома)-и ___________________ (номи муассисаи таълимӣ) (қарори Шӯрои олимон аз ___. _____ соли 20___, № ___) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар ____________________ (номи муассисаи таълимӣ) Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шавад.
2. Ҳайат ва Низомномаи Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад (замима мешавад).
3. Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ____________________ (номи муассисаи таълимӣ) фаъолияти худро ҷиҳати эҳтиром ва бузургдошти забони давлатӣ дар муассисаи таълимӣ ба роҳ монда, корҳои тарғиботию ташвиқотиро дар самти татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Ректор (Директор) ___________

___________________

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

**Замимаи 2**

Бо фармоиши ректор (директор)-и
муассисаи таълимӣ
аз “___” _______ соли 20___
тасдиқ шудааст

Ҳайати
Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
дар ________________________
(номи муассисаи таълимӣ)

1. ______________ __. __. – ректор (директор), раиси Комиссия;
2. ______________ __ . __ . – муовини ректор (директор), муовини раиси Комиссия;
3. ______________ __ . __ . – омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик, котиби Комиссия

Аъзо:

4. ______________ __. __. – омӯзгори фанни забону адабиёти тоҷик;
5. ______________ __. __. – омӯзгори фанни таърих;
6. ______________ __. __. – омӯзгори фанни забону адабиёти тоҷик;
7. ______________ __. __. – омӯзгори фанни биология.

**Замима 3**

# Протоколи

**ҷаласаи Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаи таълимӣ**

**___ _____ соли 20___ № _______ ш. Душанбе**

**Раиси ҷаласа:** _______________ - ректор (директор), раиси Комиссия

**Иштирок доштанд:** _________________ муовини раиси Комиссия, __________________ котиби Комиссия, аъзоён: _________________ омӯзгор, __________________ омӯзгор, ________________ омӯзгор

Дар рафти ҷаласа раиси ҷаласа, ректор (директор) оид ба масъалаи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъзе фикрҳои худро иброз намуда, суханро ба маърӯзачиён оид ба иҷрои бандҳои Нақшаи кори Комиссия дар семоҳаи якуми соли таҳсил дод.

*Эзоҳ: агар маърӯзачӣ бо баромади хаттӣ баромад намояд, пас баъзе нуктаҳои ӯ дар протокол қайд шуда, баромади ӯ ба протокол замима карда мешаванд. (Суханронии шахсоне, ки бо баромади хаттӣ баромад мекунанд, инчунин саволу ҷавоб ва дигар посуххо дар прокотол ҳатман қайд карда мешаванд).*

Вобаста ба масъалаҳои ироашуда ҷаласаи Комиссия қарор кард:

1. Бандҳои иҷронашудаи Нақшаи кори Комиссия дар семоҳаи якуми соли 20__ дар муҳлати кӯтоҳтарин иҷро карда шаванд.
2. Бинобар сабаби аз ҷониби __ ______________, _ _____________.... ва __ ____________ иҷро накардани талаботи Қонуни забони давлатӣ ва бетаваҷҷӯҳи ба ин масъала ба таври раксмӣ огоҳонида шаванд. Нусхаи протоколи мазкур ба роҳбари муассисаи таълимӣ барои андешидани чораҳои интизомӣ пешниҳод карда шавад.
3. Вобаста ба камбудиҳои ошкоргардида, дар масъалаи риоя нашудани талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар ҳуҷҷату ҳуҷҷатгузорӣ ва муоширати кормандон (таълимгирандагон) ба забони ғайридавлатӣ, котиби комиссия (ва ё шахси масъули дигар) вазифадор карда шавад, ки дар кӯтоҳтарин муҳлат семинари омӯзиширо бо ҷалби мутахассисон бо кормандон (таълимгирандагон) доир намояд.
4. Назорати иҷрои қисмати қарории протоколи мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия- омӯзгор __________________ гузошта шавад.

Раиси ҷаласа,
раиси Комиссия, ректор (директор) __.__. ____________

Котиби ҷаласа,
котиби Комиссия, омӯзгор __.__. ____________

**Замима 4**

**Нақшаи кори**
**Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаи таълимӣ барои соли 2017-2018**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлат | Иҷрокунанда (гон) |
|---|---|---|---|
| 1 | | | |
| 2 | | | |
| 3 | | | |
| 4 | | | |
| 5 | | | |
| 6 | | | |
| 7 | | | |
| 8 | | | |
| 9 | | | |
| 10 | | | |
| 11 | | | |
| 12 | | | |
| 13 | | | |
| 14 | | | |
| 15 | | | |

*Эзоҳ: дар Нақшаи кори Комиссия дар як соли таҳсил бояд аз 10 то 15 масъала ба нақша гирифта шавад. Аз ин нишондиҳанда каму зиёд ба нақша гирифтани масъалаҳо манъ аст. Дар нақшаи корӣ масъалаҳои санҷиши конспект, лексия, банерҳо, ҳуҷҷатгузорӣ, муошируати байниҳамдигарӣ, омодагӣ ба баргузории Рӯзи забони давлатӣ, ҳамчунин таҷлили Рӯзи байналмилалии забони модарӣ, ки ҳамасола 21-уми феврал қайд карда мешавад, гирифтани диктант аз кормандон, гузаронидани семинарҳо, мизҳои мудаввар, конференсия ва ба ҳамин монанд масъалаҳо ба нақша гирифта мешаванд. Ба нақша гирифтани хонишҳо ва қироатҳо дар нақшаи кор манъ аст.*

**Замима 5**

**Ҳисобот**
**оид ба вазъи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" дар муассисаи таълимӣ**

Масъалаи вазъи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" дар муассисаи таълимии шаҳри Душанбе" мутобиқи Нақшаи кори Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар __________________ (номи муассисаи таълимӣ) барои солҳои таҳсили 2017-2018 баррасӣ шуда, мақсади он муайянсозии вазъи иҷрои талаботи Қонуни зикршуда дар муассисаи мазкур мебошад.

Тибқи фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ аз 02.10.2017, № 4224 дар воҳидҳои сохтории муассисаи таълимӣ раванди иҷрои талаботи Қонуни зикршуда мавриди санҷиш ва арзёбӣ қарор дода шуд.

Санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохтории муассисаи таълимӣ вобаста ба иҷрои муқаррароти Қонуни мазкур нишон дод, ки дар ин самт як қатор корҳои мусбат анҷом дода шуда, дар баробари ин баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд.

*Эзоҳ: тамоми масъалаҳое, ки дар рафти санҷиш ошкор шуда, барои ислоҳи онҳо дастурҳо дода шудаанд, дар ҳисобот инъикос мешаванд. Дар ҳисобот, инчунин, дастовардҳо ва комёбиҳо мухтасар пешбинӣ карда мешаванд. Дар баробари ин, дар ҳисобот пешниҳодҳо ва андешаҳо барои татбиқи дурусти қонунгузории забони давлатӣ оварда мешаванд.*

*Дар ҳолате, ки оид ба масъалаи муайян танҳо маълумот додан лозим аст, он гоҳ маълумотнома тартиб дода мешавад. Узви Комиссия метавонад бо гузориш низ дар ҷаласа муроҷиат намояд.*